**Тасдиқ карда шуд:**
Бо Фармоиши Раиси
ҶСК “Алиф Бонк”
№3-ПО аз 27.03.2020
(аз 27.03.2020 амал мекунад)

# ҚОИДАҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ИНТИҚОЛИ ВОСИТАҲОИ ПУЛИИ ЭЛЕКТРОНӢ ҶСК “АЛИФ БОНК” ДАР ЧОРЧУБАИ ХИЗМАТРАСОНИ “ALIF.MOBI”

**Соли 2020**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаҳои мазкури амалӣ намудани интиқоли воситаҳои электронии пулии ҶСК “Алиф Бонк” дар чорчӯбаи хизматрасонии “alif.mobi”, ки минбаъд “Қоидаҳо” номида мешаванд, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.

1.2. Мафҳумҳои истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода шудаанд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017 №1397 “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт” оварда шудаанд ва ба маънои дар қонун ишорашуда истифода бурда мешаванд.

1.3. Қоидаҳои мазкур қисми ҷудонашавандаи созишномаҳо дар бораи амалӣ намудани интиқоли воситаҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоб бо истифода аз хизматрасонии “alif.mobi” байни ҶСК “Алиф Бонк” (минбаъд-Оператор) ва мизоҷон басташуда дар қисме ба ҳисоб меравад, ки онҳо бевосита ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Оператор нисбат ба ҳамаи мизоҷон ё дараҷаи муайяни мизоҷон муқаррар шудааст.

1.4. Тағйирот ва иловаҳо ба Қоидаҳои мазкур бо фармоиши раиси Оператор тасдиқ карда мешаванд ва дар давоми 15(понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз санаи ҷойгир кардани таҳрири нави Қоидаҳо дар сомонаи расмии Оператор дар суроғаи зерин тасдиқ карда мешаванд: https://alif.mobi.

1.5. Оператор фаъолияти худро бо фаъолияти таъминкунандаи хизматрасониҳои пардохтӣ, оператори хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ ва маркази баҳисобгирӣ якҷоя мекунад.

## 2. ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТ (ВЭП)

2.1. Намудҳои ВЭП

1) Оператор ба мизоҷон имкони истифодаи ВЭП-и зеринро таъмин мекунад:
   а) ВЭП-и мушаххаснашуда, ки бе гузаштани мушаххаскунӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мизоҷон-шахсони воқеӣ истифода бурда мешавад.
   б) ВЭП-мушаххасшуда, ки аз ҷониби мизоҷон-шахсони воқеӣ истифода мешаванд, раванди мушаххаскуниро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштаанд; ва
   в) ВЭП-ҳои корпоративӣ, ки аз ҷониби мизоҷон-шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ, ки раванди мушаххаскуниро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштаанд.

2) Лаҳзаи пешниҳод намудани ВЭП ба мизоҷ, лаҳзаи қабул намудани созишнома дар бораи иҷро намудани интиқолҳои маблағи пулӣ бе кушодани суратҳисоб бо истифода аз хизматрасонии “alif.mobi” ба ҳисоб меравад.

2.2. Дастрасӣ ба ВЭП

1) Оператор ба мизоҷон имкони амалӣ намудани дастрасӣ ба ВЭП-ро, инчунин имкони амалӣ намудани интиқоли воситаҳои маблағи электронӣ танҳо бо истифода аз маълумоти воридшавии мизоҷ пешниҳод мекунад. Воридшавӣ бо истифода аз рақами мобилии

телефонии мизоҷ ва рамзи дастрасӣ ба ВЭП амалӣ карда мешавад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дигар усулҳои воридшавиро, ки бо созиши тарафҳо муайян шудаанд истифода баранд.

2) Қатъӣ гардидани интиқоли воситаҳои электронии пардохт аз лаҳзаи аз ҷониби пардохткунанада ва (ё) қабулкунанда, инчунин дигар шахсон амалӣ намудани шартҳои воситаҳои муайяни пардохти воситаҳои электронии пардохт мерасад. Интиқоли бебозгашт ва ниҳоии воситаҳои электронии пардохт дар лаҳзаи аз ҷониби Оператор дар асоси фармоиши қабулкардаи мизоҷ дар бораи кам кардани бақияи воситаҳои электронии пардохтии пардохткунанда ва зиёд кардани бақияи воситаҳои электронии қабулкунандаи маблағ ба маблағи интиқоли воситаҳои электронии пулӣ.
3) Рамзи дастрасӣ аз ҷониби мизоҷ мустақилона сохта шуда, метавонад ҳар лаҳза ва шумораи миқдори номуайян иваз карда шавад. Мизоҷ барои махфӣ нигоҳ доштани маълумоти шахсии худ пурра масъул аст. Ҳама гуна амалҳо бо ВЭП (истифодабарии дигар усули воридшавии бо Оператор ва мизоҷ мувофиқакардашуда), ки аз истифода аз рамзи муайяни дастрасӣ ба ВЭП-и дахлдор амалӣ карда шудаанд, амалҳои аз ҷониби мизоҷ иҷрошуда ба ҳисоб мераванд.

2.3. <u>Барқарорсозии маълумоти воридшавии гумшуда</u>

1) Оператор ба мизоҷон имконияти барқарорсозии маълумоти воридшавии гумшударо хусусан бо усулҳои зерин медиҳад:
   а) бо роҳи бекор кардани рамзи дастрасии амалкунанда ва пешниҳоди имконияти эҷод кардани рамзи нав ба мизоҷ. Бекоркунӣ ва имкони сохтани рамзи дастрасии нав танҳо ҳангоми ворид кардани посухи дуруст ба саволи махфӣ ё ҳангоми аз ҷониби Оператор ба даст овардани далелҳои истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ мебошад, ки дастрасии он барқарор карда шуда аст. Мисол, пас аз пешниҳод намудани номгӯи охирин амалиётҳо бо истифода аз ВЭП ё дигар маълумоте, ки кофӣ будани далелҳои ишорашуда бидуни истисно бо салоҳдиди Опертор муайян карда мешавад ;
   б) бо роҳи аризаи дахлдор ба идораи Оператор ( бо шахси Ваколатдор аз ҷониби ) бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, аз ҷумла дар ҳолати истифодабарии ВЭП-и мушаххаснашуда, ки дастрасӣ ба он барқарор карда мешавад. Мисол: пешниҳоди номгӯи амалиётҳои охирин бо истифода аз ВЭП ё дигар маълумот, ки дар он кофӣ будани далелҳои ишорашуда, бидуни истисно бо салоҳдиди Оператор муайян карда мешавад;
   в) бо роҳи таъмини ба даст овардани аризаи дахлдор аз ҷониби Оператор, имзои мизоҷ, ки бояд нотариалӣ тасдиқ карда шаванд;
   г) дигар усуле, ки бо Оператор ва мизоҷ мувофиқа карда шудааст.

2) Оператор ҳуқуқ дорад ба шахси воқеӣ барқарор кардани дастрасӣ ба ВЭП-и мушаххаснашударо рад кунад, агар аз рӯйи натиҷаҳои баррасии муроҷиати дахлдор ба хулосае ояд, ки ВЭП-и мазкур ба шахси ишорашуда таалуқ надорад.
3) Оператор ҳуқуқ дорад талабот ба усулҳои барқарорсозии дастрасӣ ба ВЭП вобаста аз намуди ВЭП истифодашаванда муқаррар кунад.

2.4. <u>Қатъ кардани амалиётҳо, истифодабарии ВЭП, манъ кардани истифодабарии ВЭП</u>

1) Қатъ кардани амалиётҳо ғайриимкон гардидани камшавии бақияи воситаҳои электронии пардохтро ба бор меорад, ки барои ВЭП-и дахлдор ба ҳисоб гирифта шудааст.

2) Истифодабарии ВЭП аз ҷониби Мизоҷ метавонад ҳар лаҳза дар асоси хоҳиши мизоҷ тавассути ирсол намудани огоҳиномаи дахлдор ба Оператор қатъ ё манъ карда шавад.

3) Истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ метавонад бо ташабусси Оператор дар ҳолати аз ҷониби мизоҷ вайрон кардани Мизоҷ вайрон кардани истифодабарии ВЭП-и бо созишномаи тарафҳо муқарраршуда, ё яктарафа аз ҷониби Оператор дар ҳолати таъмини нигоҳдории бақияи маблағи электронии мизоҷ, ки дастрасӣ ба онҳо тавассути ВЭП амалӣ карда мешавад ва нисбат ба онҳо Оператор шубҳа ба дастрасии беиҷозат дорад қатъ ё манъ карда шавад. Дар бораи қатъ ё манъ кардани истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ бо ташаббуси Оператор аз ҷониби охирин ба мизоҷ огоҳинома ирсол карда мешавад.

4) Амалиётҳо бо истифодабарии ВЭП-и мушаххасгардида ё корпоративӣ метавонанд инчунин дар ҳолатҳо ва тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ катъ карда шаванд.

5) Манъ кардани истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ, боиси қатъ гардидани ҳамааи амалиётҳое, ки сабаби кам гардидани бақияи воситаҳои пардохтии электронии барои ВЭП-и дахлдор ба назар гирифташуда ба мӯҳлати мӯайяни аз ҷониби тарафи қатъкунанда ишорашуда мегардад, ё дар ҳолати қатъ гардидани истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ бо ташаббуси Оператор-то лаҳзаи пурра бартараф намудани қонуншиканиҳои тартиби истифодабарии ВЭП, ё пурра эътимод пайдо кардани Оператор дар мавҷуд набудани далели истифодабарии беиҷозат ба ВЭП.
6) Қатъ кардани истифодабарии ВЭП аз ҷониби мизоҷ, яктарафа даст кашидани чунин мизоҷ вз созишномаи басташуда бо Операторро дорад.

## 3. ИНТИҚОЛИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТ

3.1. <u>Бастани созишнома бо мизоҷ</u>

1) Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар шакли интиқоли воситаҳои пулӣ дар асоси созишномаи бо мизоҷ басташуда амалӣ карда мешавад, ки он дар худ шартҳои амалӣ намудани интиқоли воситаҳои пулӣ , инчунин тартиби истифодабарии ВЭП-ро дарбар мегирад.

2) Пеш аз бастани созишнома бо мизоҷ Оператор ӯҳдадор аст ба ӯ маълумоти зеринро пешниҳод намояд:
   а) дар бораи ном ва макони ҷойгиршавии Оператор (ки ӯ инчунин интиқолкунандаи хизматрасониҳои пардохтӣ мебошад), рақами иҷозатнома барои иҷро намудани амалиётҳои бонкӣ;
   б) дар бораи усулҳо ва макони амалӣ намудани интиқоли воситаҳои электронии пулӣ;
   в) дар бораи усулҳо ва макони пешниҳоди воситаҳои пулӣ ба мизоҷ-шахси воқеӣ ба Оператор;

г) дар бораи андоза ва тартиби аз ҷониби Оператор ситонидани мукофотпулӣ аз мизоҷон дар ҳолати .
д) дар бораи пешниҳоди арзҳо ва тартиби баррасии онҳо, аз ҷумла маълумот барои алоқа бо Оператор.

3) Пеш аз бастани созишнома бо Оператор мизоҷ-шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст ба Оператор ҳуҷҷатҳое пешниҳод намояд, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии Оператор пешбинӣ шудаанд.

3.2. Усулҳои зиёд гардонидани бақияи воситаҳои электронии пулӣ

1) Оператор ба мизоҷон-шахсони воқеӣ, ки ВЭП-и мушаххасшударо истифода мебаранд, имкони зиёд гардонидани бақияи воситаҳои электронии худро бо усулҳои зерин таъмин менамояд:
   а) бо истифода аз суратҳисоби бонкӣ (аз ҷумла суратҳисоби кортӣ), бо роҳи аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси воқеӣ-соҳиби суратҳисоби бонкӣ ба суроғаи Оператор интиқол намудани воситаҳои пулии нақд бо истифода аз корти бонкии қаблан пардохтшуда;
   б) бе истифодабарии суратҳисоби бонкӣ:

- бо роҳи аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси воқеӣ ворид намудани воситаҳои пулии нақд ба нафъи Оператор, агенти пардохтии бонкии аз ҷониби Оператор ҷалб гардида, инчунин ба субагенти пардохтии бонкӣ, ки бо чунин агенти пардохтии бонкӣ баробар аст;
- бо роҳи аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси воқеӣ ворид намудани воситаҳои пулӣ ба нафъи Оператор, агенти пардохтии бонкии аз ҷониби Оператор ҷалбшуда, инчунин субагенти пардохтии бонкии аз ҷониби чунин агенти пардохтии бонкӣ ҷалбшуда;
-тавассути аз ҷониби мизоҷ ба дигар таъминкунандаи хизматрасониҳои пардохтӣ/оператори воситаҳои электронии пардохт пешниҳод намудани фармоиш дар бораи ба нафъи Оператор интиқол додани воситаҳои электронии пардохт, ҳангоми мавҷуд будани муносибатҳои шартномавии зарурӣ бо Оператор ва истифодаи ВЭП-и мушаххаскардашуда аз ҷониби Мизоҷ;
- тавассути аз ҷониби мизоҷ ба оператори худ тибқи усул ва тартиби муқаррарнамудаи байни мизоҷ ва оператори алоқа пешниҳод намудани фармоиш дар бораи зиёд гардонидани бақияи маблағи электронии Оператор аз ҳисоби воситаҳои пулии мизоҷ, ки пешпардохт барои хизматрасониҳои алоқа мебошад, ба шарте, ки охирин муносибатҳои ҳуқуқӣ бо Оператор дорад;
- таввасути ба даст овардани воситаҳои электронии пулӣ, ки ба нафъи мизоҷи мазкур аз ҷониби дигар мизоҷи Оператор ё шахси дигар-мизоҷи дигар таъминкунандаи хизматрасониҳои пардохтӣ/оператори воситаҳои элетронии пулӣ, ки ВЭП-и мушаххасгардидаро истифода мебарад, аз ҷумла тибқи талаботи қабулкунандаи воситаҳои пулӣ;
- тавассути ба даст овардани воситаҳои электронии пулӣ, ки бо роҳи кам кардани бақияи воситаҳои маблағи пулӣ ва бо истифода аз дигар ВЭП-и мушаххасгардидаи ба мизоҷ таалуқдошта ситонида шудааст.

2) Оператор ба мизоҷон-шахсони воқеӣ, ки ВЭП-и мушаххаснашударо истифода мебаранд имкони зиёд гардонидани бақияи воситаҳои электронии худро ба таври зерин медиҳад:

а) бо истифода аз суратҳисоби бонкӣ (аз ҷумла суратҳисоби кортӣ), бо роҳи аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси воқеӣ-соҳиби суратҳисоби бонкӣ ба суроғаи Оператори интиқол додани воситаҳои пулӣ дар шакли ғайринақдӣ;

б) бе истифодабарии суратҳисоби бонкӣ:

- тавассути аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси воқеӣ пардохт намудани воситаҳои пулии нақд бо пешниҳоди воситаҳои пулӣ ва истифодаи кортҳои бонкии пешпардохткардашуда;
- тавассути аз ҷониби мизоҷ ё дигар шахси пардохт намудани маблағи пулии нақд ба нафъи Оператор, агенти пардохтии бонкии аз ҷониби Оператор ҷалбшуда, инчунин субагенти аз ҷониби агент пешниҳодгардида;
- тавассути аз ҷониби мизоҷ бо усулҳо ва тартиби муқарраргардидаи созишномаи байни мизоҷ ва опертори алоқа басташуда ба оператори алоқаи  худ пешниҳод намудани фармоиш оид ба зиёд намудани воситаҳои электронии пулии Оператор аз ҳисоби воситаҳои пулии мизоҷ, ки пешпардохт барои хизматрасониҳои алоқа мебошанд, агар охирин муносибатҳои муносибатҳои ҳуқуқии лозима бо Оператор дошта бошад.

3) Оператор ба мизоҷоне, ки ВЭП-и корпоративиро истифода мебаранд, имконияти зиёд гардонидани бақияи воситаҳои пулиро танҳо бо роҳи ба даст овардани воситаҳои пулии электроние, ки ба нафъи мизоҷи мазкур аз ҷониби шахси воқеӣ-мизоҷи Оператор ё мизоҷи дигар оператори воситаҳои электронии пулӣ интиқол дода шудааст, аз ҷумла тавассути ба даст овардани маблағи пулии ба нафъи ВЭП мизоҷи мазкур аз ҷониби шахси воқеие аз суратҳисоби худ  гузаронидашуда таъмин мекунад.

3.3. <u>Усулҳои истифодабарии воситаҳои электронии пулӣ</u>

1) Оператор ба мизоҷон-шахсони воқеӣ, ки ВЭП-и мушаххаснашударо истифода мебаранд, имкони истифодабарии воситаҳои электронии пулиро ба таври зерин медихад:

а) амалӣ намудани воситаҳои электронии пулӣ ба нафъи шахси ҳуқуқӣ ё шахси инфиродӣ-мизоҷи Оператор;

б) амалӣ намудани интиқоли воситаҳои электронии пулӣ ба нафъи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ- мизоҷи дигар таъминкунандаи хизматрасонӣ/оператори воситаҳои маблағи электронӣ бо шарте, ки чунин оператор муносибатҳои шартномавӣ бо Оператор дорад;

в) аз ҳисоби бақияи (қисми он) воситаҳои электронии пардохт иҷро намудани интиқоли воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби бонкӣ ба нафъи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ;

г) равона намудани бақияи воситаҳои электронии пулӣ (қисми он) барои иҷрои уҳдадориҳои мизоҷ дар назди Оператор.

2) Оператор ба мизоҷон-шахсони воқеӣ, ки ВЭП-и мушаххасшуда истифода мебаранд имкони истифодабарии воситаҳои электронии пардохтиро бо усулҳои зерин медиҳад:

а) амалӣ намудани интиқоли воситаҳои электронии пардохт ба нафъи дигар мизоҷи Оператор, агар қабулкунандаи интиқол ВЭП-и мушаххасшуда ё корпоративиро истифода барад;

б) амалӣ намудани воситаҳои пулии электронӣ барои афзоиш додани бақияи воситаҳои электронии пулӣ, ки бо истифодаи ВЭП-и дигари ба мизоҷи мазкур таалуқдошта, ба ҳисоб гирифта шудаанд.

в) интиқол додани маблағи пулӣ ба нафъи мизоҷи дигар таъминкунандаи хизматрасониҳои пардохтӣ (аз ҷумла ба нафъи худ)/оператори муносибатҳои шартномавии зарурӣ бо Оператор, агар қабулкунандаи интиқол ВЭП-и

г) аз ҳисоби бақияи(қисми он) воситаҳои электронии пулӣ интиқол додани маблағи пулӣ ба суратҳисоби бонкӣ ба нафъи шахси дигар;

д) аз ҳисоби бақияи(қисми он) воситаҳои электронии пулӣ интиқол додани маблағи пулӣ ба суратҳисоби бонкӣ ба нафъи шахси дигар;

е) равон кардани(қисми он) бақияи воситаҳои электронии пулии нақд барои иҷрои ӯҳдадориҳои мизоҷ дар назди Оператор;

ж) ба даст овардани бақияи (қисми он) воситаҳои электронии пулии нақд аз Оператор, агенти пардохтии бонкии Оператор, аз ҷумла субагенти пардохтии бонкӣ, ки аз ҷониби чунин агенти пардохтии бонкӣ ҷалб шудаанд.

3) Оператор ба мизоҷон, ки ВЭП-и корпоративӣ истифода мебаранд, имкони истифодабарии воситаҳои электронии пулиро бо усулҳои зерин истифода мебаранд:

а) гузаронидани бақияи (қисми он) маблағи пулии пардохт ба суратҳисоби бонкии мизоҷи дахлдор, ки Оператор боз кардааст;

б) интиқоли бақияи (қисми он) маблағи электронии пулӣ ба суратҳисоби бонкии мизоҷи дахлдор, ки дар дигар ташкилоти қарзӣ боз карда шуд.

3.4. <u>Амали Оператор ҳангоми зиёд шудани маҳдудиятҳо, ки барои ВЭП муқаррар шудаанд</u>

1) Дар ҳолати ба даст овардани фармоиш дар бораи интиқоли воситаҳои электронии пулӣ ба нафъи мизоҷи Оператор (пешниҳоди воситаҳои пулӣ ба Оператор бо мақсади зиёд гардонидани бақияи воситаҳои электронии пулии Оператор), агар иҷрои чунин фармоиш (зиёд гардонидани чунин бақия) барзиёдии маҳдудияти муқарраргардидаи воситаҳои электронии мизоҷро ба бор орад, Оператор аз анҷом додани амалиёти дахлдор дар тартиби пешбининамудани созишномаи бо мизоҷ пешбининамуда даст мекашад.

2) Дар ҳолати ба даст овардани фармоиш дар бораи интиқоли воситаҳои пулии электронӣ аз ҷониби мизоҷ-истифодабарандаи воситаҳои электронии пардохти мушаххаснашуда, ки иҷрои он барзиёдии маблағи ниҳоии воситаҳои пулии электронии бо қонунгузорӣ муқарраршуда меорад ва бо истифода аз воситаҳои электоронии пардохти номушаххасшуда дар муддати як моҳи тақвимӣ интиқол мешавад, Оператор онро дар моҳи тақвимие, ки фармоиши дахлдор ба даст омад амалӣ намекунад.

3.5. <u>Кам кардани бақияи воситаҳои электронии пулӣ бе фармоиши мизоҷ</u>

Кам кардани бақияи воситаҳои электронии пардохт бе фармоиши мизоҷ барои инҳо иҷро карда мешаванд:

а) ба маблағи комиссия, ки бояд аз ҷониби мизоҷ ба Оператор мувофиқи созишномаи бо Оператор басташуда пардохт карда шавад;
б) дар асоси талаботи қабулкунандаи воситаҳои пулии электронӣ, ки нисбати ӯ мизоҷ аксепт тибқи тартиби бо қонунгузорӣ муқarrаргардида дода шудааст;
в) ҳангоми ситонидани бақияи воситаи электронии пардохт тибқи тартиби бо қонунгузорӣ муқарраргардида;
г) дар дигар ҳолатҳои бо қонун ё созишномаи байни тарафҳо пешбининамуда.

## 4. АГЕНТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ

4.1. Оператор дар асоси шартнома агентҳои пардохтии бонкиро барои амалӣ намудани ҳамаи ё баъзе аз амалҳо бо шарти аз ҷониби охирин иҷро намудани ҳамаи талаботҳо доир ба фаъолияти ӯ, ки бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, ҷалб менамояд:

а) қабул кардани воситаҳои пулии накд ва (ё) пешниҳоди маблағи накд ба шахси воқеӣ, аз ҷумла бо истифода аз терминалҳо ва терминалҳои автоматикунонишудаи худхидматрасон;
б) пешниҳод намудани ВЭП ба мизоҷон ва таъмин намудани имкони истифодабарии ВЭП-и муайяншуда тибқи шартҳои аз ҷониби Оператор муқарраршуда;
в) гузаронидани мушаххаскунии мизоҷ-шахси воқеӣ бо мақсади амалӣ намудани интиқоли воситаҳои пулии электронӣ, инчунин пешниҳоди ВЭП тибқи талаботи қонунгузорӣ дар бораи муқовимат бар зидди қонунигардонии(шустушуи) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада ва маблағгузории терроризм.

4.2. Оператор ҳуқуқ дорад дар асоси шартнома ба агенти пардохтии бонкӣ ҳуқуқи ҷалб кардани субъагенти пардохтии бонкиро диҳад, бо шарти риояи ҳамаи талабот оид ба фаъолияти ӯ, ки бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст.

4.3. Оператор номгӯи агентҳои пардохтии бонкиро (субъагентҳоро) бо ишораи ҳар агенти пардохтии бонкӣ (субагент) ва суроғаи ҳамаи маконҳои амалӣ намудани амалиётҳо бо фармоиши Операторҳоро медиҳад . Оператор барои ҳар шахси воқеии манфиатдор имкони шиносоӣ бо номгӯи мазкурро медиҳад.

## 5. ТАРТИБИ БАРРАСИИ ШИКОЯТҲО

5.1. Бо мақсадҳои банди мазкур, зери мафҳуми шикоят муроҷиати хаттии (аз ҷумла дар шакли электронӣ) мизоҷ ба Оператор донистa мешавад, ки мавзӯи он бинобар сабаби аз рӯйи ақидаи мизоҷ ҷой доштани ҳолати иҷро накардани (иҷрои номатлуби) уҳдадориҳо аз ҷониби Оператор дар назди мизоҷ, ки аз муносибатҳо дар бораи пешниҳод ё истифодабарии ВЭП-и пешниҳоднамудаи Оператор аз ҷониби охирин ба вуҷуд омаанд, пешниҳод намудани талаботи дорои хусусияти шаҳрвандиву ҳуқуқӣ дошта мебошад.

5.2. Тартиби ҳалли пеш аз судии баҳсҳо байни мизоҷи дахлдор ва Оператор ҳатмӣ мебошад, агар ин бо созишнома пешбинӣ шудааст. Мӯҳлати баррасии шикояти мизоҷ бо созишномаи тарафҳо муқаррар карда мешавад, аммо наметавонад зиёда аз сиҳ рӯзи тақвимӣ давом диҳад.

5.3. Посух ба шикоят дар шакли зерин пешинҳод карда мешавад:

а) дар шакли коғазӣ ба сурағаи почтаи аз ҷониби аризадиҳанда ишорашуда- дар сурати ба даст овардани шикоят аз ҷониби Оператор дар шакли қоғазӣ ва мавҷуд будани ишора дар бораи ба чунин шакл пешниҳод намудани посух дар шикояти ба даст омада.
б) дар шакли мактуби электронӣ ба суроғаи почтаи электронӣ, ки аз ҷониби мизоҷ ҳамчун суроға барои қабул кардани ҳама гуна огоҳиномаҳо аз Оператор ишора карда шудааст-

дар ҳолатҳои аз ҷониби Оператор ба даст овардани шикоят дар шакли коғазӣ бе ишора намудани суроғаи почтаи аризадиҳанда ё бе ишораи мустақим ба дигар шакли посухдиҳӣ.

5.4. Дар ҳолати қабули қарор дар бораи пурра қонеъ гардонидани шикоят, Оператор ҳуқуқ дорад амалҳои дахлдорро бе равон кардани посух ба аризадиҳанда дар бораи қонеъ гардонидани шикоят амалҳои дахлдорро иҷро кунад.

## 6. Раванди ҳамкории фаврӣ бо мизоҷ

6.1. Раванди ҳамкории фаврии Оператор бо мизоҷ инҳоро дарбар мегирад:

а) равон кардани огоҳинома дар бораи иҷро кардани ҳар амалиёт бо истифода ВЭП ва/ё даст кашидани аз амалӣ намудани он;

б) қабул ва сабти огоҳиномаҳои мизоҷ дар бораи аз даст додани ВЭП ва (ё) истифодабарии он бе мувофиқа бо мизоҷ;

в) қатъ ва манъ кардани истифодабарии ВЭП-и «alif.mobi» аз ҷониби мизоҷ дар асоси огоҳиномаи мизоҷ, ки бо сарсатри қаблӣ пешбинӣ шудааст.

6.2. Огоҳӣ намудани мизоҷ аз ҷониби Оператор, ки бо банди 6.1-и Қоидаҳои мазкур муқаррар шудаанд, ба ҳар гуна усул(ҳо)-и пешбининамудаи тарафҳо бо салоҳдиди Оператор ирсол карда мешаванд.

6.3. Оператор барои ҳама гуна оқибатҳои аз ҷониби мизоҷ пешниҳод нанамудани маълумот барои тамос бо мақсади ба даст овардани огоҳиномаҳои Оператор, ки бо банди 6.1. Қоидаҳои мазкур муқаррар шудаанд масъул нест.

6.4. Оператор барои ҳама гуна оқибатҳои  мувофиқ набудани(қатъ гардидани амал)-и маълумоти мизоҷ барои тамос, ки аз ҷониби охирин бо мақсади ба даст овардани огоҳиномаҳои Оператор ишора карда шудаанд ва бо банди 6.1. Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд масъул нест.

6.5. Усулҳои ирсол намудани огоҳинома аз ҷониби Мизоҷ ба Оператор дар бораи аз даст додани ВЭП ва (ё) истифодабарии он бе розигии мизоҷ бо созишномаи байни мизоҷ ва Оператор пешбинӣ карда мешаванд. Оператор қабул ва сабти огоҳиномаҳоро таъмин менамояд, ки ба ҳама гуна аз усулҳои мазкур ирсол шудаанд.

## 7. Мубодилаи маълумот ҳангоми интиқоли воситаҳои электронии пардохт

7.1. Оператор ба ҳар мизоҷ то лаҳзаи қабул кардани пешниҳоди Оператор аз ҷониби охирин, маълумот дар бораи Оператор, инчунин дар бораи тартиб ва шартҳои истифодабарии ВЭП, ки бо қонунгузорӣ муқаррар гардидааст пешниҳод менамояд.

7.2. Маълумоти дар банди 7.1-и Қоидаҳои мазкур ишорашуда дар намуди матни пешниҳоди Оператор, матни Қоидаҳои мазкур, инчунин ҳангоми зарурат дигар матнҳо, ки маълумоти бо қонунгузорӣ пешбининамударо дарбар мегиранд ва барои пешниҳод ба мизоҷ пешбинӣ шудаанд пешкаш карда мешавад.

7.3. Маълумоти дар банди 7.1. Қоидаҳои мазкур ишорашуда, бо роҳи ҷойгир кардани он дар сомонаи Оператор дар суроғаи https://alif.mobi пешниҳод карда мешавад. Оператор ғайриимкон будани қабули пешниҳоди Оператор аз ҷониби мизоҷро бе тасдиқи шиносоии

мизоҷ бо маълумоти ишорашуда тавассути пахш намудани тугмаи дахлдор дар саҳифаи ҷойгиршавии он ё дар барнома таъмин мекунад.
7.4. Пешниҳоди маълумот аз ҷониби Оператор бо нобаёнӣ бо истифода аз интерфейси мизоҷии ВЭП ё истифодаи огоҳиномаи e-mail ё смс. Оператор ҳуқуқ дорад барои ирсоли смс маълумотдиҳии мизоҷ пардохт ба андозаи аз ҷониби тарафҳо муқарраргардида супорад.
7.5. Усулҳои иловагии пешниҳоди маълумот аз ҷониби Оператор бе истисно бо талаботи мизоҷ истифода бурда мешаванд.